МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 32:378+008 (575.3)
ТКБ: 66+74.58 (2 тоҷик)
М – 21



МАҚСУДӢ ХУСРАВ ЗАФАРҶОН

ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶ ҲАМЧУН СИФАТИ АРЗИШМАНДИ МУТАХАССИСИ ОЯНДА

Автореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти
фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

ХУҶАНД – 2026

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Шарофзода Шавкат Аҳмад** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Муқарризони расмӣ: **Файзализода Ҷумахон Хол** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Муассисаи пешбар: **МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”**

Ҳимояи диссертатсия санаи «12» январи соли 2027, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «10» декабри соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент **Котибова Ш.П.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ислоҳоти демократӣ, ки дар шароити соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад, бо шомил кардани аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва раванди қабули қарорҳои давлатӣ алоқаманд аст. Шахсоне, ки маълумоти сиёсӣ, малакаи сиёсӣ ва таҷрибаи сиёсӣ надоранд, аксар вақт бар хилофи манфиатҳои худ амал мекунанд, нуқтаи назар ва эҳтиёҷоти худро ба таври возеҳ баён ва дар назди мақомот ва дигар субъектҳои сиёсӣ ҳимоя карда наметавонанд [1-М]. Маълум аст, ки ҷамъияти шаҳрвандӣ дар асоси он фарҳанге ташаккул меёбад, ки он дар шароити воқеии ҳар як давлат мавҷуд аст. Фарҳанги сиёсӣ, ки як қисми фарҳанги умумбашарӣ аст, доимо дар ҳолати тағйирёбӣ буда, аз муҳити иҷтимоии ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси инкишофи бисёрҷабҳаи фарҳанги сиёсӣ таҷрибаи худро оид ба фарҳанги сиёсӣ ва шаҳрвандӣ баланд намуда, имконият пайдо мекунад, ки ба арзишҳои бештари он муваффақ гардад. Дар ин асос дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муаммои фарҳанги сиёсӣ мавқеи муҳим ва арзишмандро ишғол мекунад.

Таҷрибаи ҷомеаи инсонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки демократия дар ҳолати кофӣ набудани фарҳанги сиёсӣ аксар вақт ба анархия мубаддал шуда, бесамарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, костагии иҷтимоӣ ва афзоиши ҷинояткориро ба вуҷуд меорад. Ин зарурати инкишофи фарҳанги сиёсии омма, хусусан, ҷавононро тақозо мекунад.

Аз ҳалли масъалаи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён масъалаи он ки дар ҷомеаи мо оянда шаҳрвандони қонуншинос, ба қонун эҳтиром дошта ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои хеш бартарӣ дошта зиндагӣ ба сар мебаранд, вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ҳар як донишҷӯ бояд соҳиби донишҳои сиёсӣ ва фарҳанги рафтори сиёсӣ бошад, зеро ҳар як донишҷӯ, ҳамчун шаҳрванд, бо шахсони дигар, ҳизбҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бо давлат робита дорад. Дар шароити муосири иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ, ки дар байни ҷавонон баъзе аломатҳои зуҳуроти миллатгароӣ, экстремизм ба назар мерасад, рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён ба як масъалаи ниҳоят мубрам табдил ёфтааст.

Дар раванди гирифтани донишҳо оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хеш, дар бораи низоми сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ дар ҷавонони донишҷӯ қобилияти дарки зуҳуроти сиёсат инкишоф меёбад, мавқеи шахсӣ ва намунаи рафторашон дар ҷаҳони сиёсӣ ташаккул меёбад.

Барои он ки донишҷӯ бошуурона интихоби сиёсии худро дар заминаи гуногунандешии сиёсӣ муайян намояд, ба вай бояд роҳу воситаҳои таҳлили

тамоми алтернативаҳо, имконот ва оқибатҳои онро омӯзонидан зарур аст [1-М].

Муҳимияти таҳқиқот тибқи ниёзҳои амалии омодагии донишҷӯён барои иштироки фаъол дар низоми нави демократӣ-сиёсии ҷомеа арзёбӣ дорад; таъсиси модели иҷтимоӣ, ки дар асоси ҳамбастагӣ ва шарикии иҷтимоӣ, фаъолияти сиёсии одамон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таркиб ёфтааст ва он навсозии назариявии маърифати сиёсӣ ва тарбияи шаҳрвандии донишҷӯёнро талаб мекунад, ки дар он на танҳо меъёру қоидаҳо, балки фаъолияти фарҳангии инсон аз чумла сиёсӣ ташаккул меёбад.

Омодагии мутахассисони ҷавобгӯи талаботи муосир, зарурати ҷустуҷӯи илмии технологияҳои самарабахши таҳсилот, манбаъҳо ва воситаҳои ҷараёни таълимро дар муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунад, ки ба ташаккули сифатҳои арзишманди касбӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди мустақилият, масъулият, ташаббус, фаъолнокӣ ва салоҳияти иҷтимоӣ, ки ба он салоҳият дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дохил карда мешавад, мусоидат мекунад. Рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён истифодаи потенсиали захиравии ҷараёни таҳсилоти донишҷӯёнро дар назар дорад, ки кадоме бо навсозии мундариҷаи таҳсилот, ҷанбаҳои тарбиявӣ, интихоби дурусти усулу технологияҳои муосир алоқаманд аст.

Инкишофи фарҳанги сиёсии донишҷӯён баррасии ҷузъи сиёсиро дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии муосир пешбинӣ менамояд. Барои аз ҷиҳати педагогӣ самаранок ворид намудани ҷузъи сиёсӣ ба мундариҷаи раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии муосир, дарки чунин муаммоҳои бунёдӣ, ба монанди алоқамандии сиёсат, фарҳанг, ахлоқ, эстетика ва ғайраро дарк кардан зарур аст [1-М].

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи таҳқиқот. Дар илми муосир барои ҳалли масъалаи дар назди илми педагогика гузошташуда заминаи муайян вуҷуд дорад. Аз ҷумла, кӯшишҳои коркарди консепсияи рушди фарҳанги сиёсиро олимони амрикоӣ Г. Алмонд ва С. Верба дар солҳои 60-уми асри гузашта амалӣ карда буданд.

Дар байни олимони хориҷӣ саҳми худро дар ҳалли мушкилоти рушди фарҳанги сиёсии ҷомеа ва шахс олимон Г. Алмонд, К. фон Бойме, С. Верба, А. Браун, В. С. Библер [1], Д. Дал, Л. Пай, Е.Вятр [4], В. Розенбаум, В. Г. Симон, Р. Такер, А. Де Токвил, Л.М. Митина [14] ва дигарон гузоштанд. Асарҳои олимони рус: В.Н.Руденко [17], А.С. Алексеев, В.П. Бранский [2], Бордовская [3], В.М. Гессен, А.М. Новиков [9], Н.Я. Данилевский, Кибардина М.П. [11], В.В. Давыдов [5], П.В. Струве, Н.С.Трубетской, Б.Н. Чичерин, баъдтар Е.М. Бабосов, Л.Н. Коган, В.В. Сериков [19], В.М. Межуев, Ю. Ожегов [16], Ж. Тошенко, Ф. Шереги Зимняя [6] ва дигарон дар

таҳияи мафҳуми зарурати алоқаманд кардани сиёсат ва фарҳанг, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар байни табақаҳои васеи мардум барои таъмини рушди демократии кишвар саҳми бузург гузоштаанд.

Дар раванди фаъолияти донишгоҳҳо дар даврони шуравӣ солҳои 70-80-уми асри гузашта мафҳумҳои «тарбияи коммунистӣ», «рушди идеявӣ ва сиёсии шахсият» истифода мешуд, ки дар доираи он шароит барои воридшавии ҷавонон ба сиёсат фароҳам оварда шуда буданд. Дар ин самт фаъолона кор бурда, олимон Н.М. Блинов, В.Т. Лисовский, В.А. Луков, В.И. Чупров ғояи худмуайянкунии ҷавононро дар сиёсат васеъ намуданд.

Дар охири асри сипаришуда муаммои рушди фарҳанги сиёсии шахс ва ҷомеа дар навиштаҳои Э.Я. Баталов, К.С. Гаджиев, А.С. Панарин, Н.П. Поливаева, В.П. Пугачев, Б.Д. Паригин, А.А. Соловев, М.Х. Фарукшин ва дигарон инъикос ёфтанд. Ба таҳлили муаммои рушди фарҳанги сиёсии ҷавонон асарҳои олимон П.И. Бабочкин, Ю.К. Бабанский, Л.Н. Боголюбов, А.Г. Бистритский, В.В. Касянов, О.Н. Козлов, О. Коршунова, В.Т. Лисовский, М.Ю. Рошин, Б.А. Ручкин, В.И. Слободчиков, Е.Б. Шестопал ва дигарон бахшида шуда буданд.

Бархе аз паҳлуҳои масъалаи мазкур дар асарҳои олимони ватанӣ М. Лутфуллоев [8], Ф. Шарифзода [20], И.Х. Каримова [10], Қ.Б. Қодиров [12], Ш.А. Шаропов [21], А. Нурзода [15], Б. Маҷидова [13], Ш.А. Сафаров, М.Б. Каримзода, Х.М. Сабурӣ [18] ва диг. таҳқиқ шудаанд. Вобаста ба ин масъала академик Маҳмадулло Лутфуллоев дар асари худ “Педагогикаи миллии халқи тоҷик” қайд менамояд, ки “Инсон дар ҷомеа зиндагӣ карда наметавонад берун аз он бошад. Дарки раванди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тарбия буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд аст. Зимни пешниҳоди вазифаҳои нав дар соҳаи тарбия онро бояд мадди назар дошт, ки дар ташаккули шахсият муҳити ҷамъиятӣ ва оила мақоми аввалиндараҷа доранд. Мактаб ва муассисаҳои ба он монанд ин равандро ба маҷрои низоми муайяни педагогӣ равона месозад.”.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ миқдори назарраси маълумот ҷамъ оварда шудааст, ки заминаи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро оид ба таҳқиқи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ташкил медиҳад.

Мутаасифона, имрӯз дар шароити кишварамон дар илми педагогика таҳқиқоти бунёдӣ мавҷуд нест, ки асосҳои назариявӣ, методологӣ, психологӣ ва педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёнро ошкор намояд, инчунин, имконоти раванди таҳсилот дар донишгоҳ ҳамчун манбаи захиравӣ барои ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар ин марҳилаи

рушди таҳсилоти олӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ошкор нашудаанд [1-М].

Дар асоси таҳлили назария ва амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии муосир муаммои таҳқиқот муайян гардид, ки ҳалли онро дар сатҳи назариявӣ-методологӣ ва амалӣ тақозо мекунад ва барои муайян кардани имкониятҳои захиравии раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявиро дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ошкор сохтани шароит ва воситаҳои рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён мақсад мегузорад.

Масъалаи ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассисони оянда низ на ҳамеша дар доираи назари муҳаққиқони муосир қарор дорад. Зимнан, симои коллективи меҳнатӣ, ки инкишофи маънавии ҷамъиятро муайян мекунад, ба дараҷаи маданияти мутахассис, аз ҷумла ба дараҷаи фарҳанги сиёсӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва фарохии ҷаҳонбинии ӯ вобаста аст. Дар рафти таҳқиқот чунин ихтилофҳо байни инҳо ошкор карда шуданд:

– эҳтиёҷи ҷомеа ба шаҳрванде, ки барои инкишофи худ ва ҷомеа масъулиятро бар дӯш гирифта метавонад, аз як тараф, набудани барномаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён, аз тарафи дигар;

– эътирофи фарҳанги сиёсӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги умумӣ, ки низоми арзишӣ-меъёрии шахсро ифода мекунад ва номуайян будани шароити педагогии ба он ворид намудани гурӯҳҳои гуногуни таълимгирандагон, аз ҷумла донишҷӯён;

– эътирофи нерӯи тарбиявии фаъолияти таълимӣ ва набудани таҳияи таъминоти барномавӣ ва дидактикии раванди иҷтимоӣсозии сиёсии донишҷӯён.

Ихтилофоти ошкоршуда шаклгирии муаммои таҳқиқот: «Шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён чӣ гуна бояд бошад?»-ро муайян карданд.

Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи педагогикаи касбӣ ва иҷтимоии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2020–2025 ва дар асоси муқаррароти “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030” таҳия гаштааст, робита ва алоқамандӣ дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар диссертатсия масъалаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда мавриди таҳқиқ

қарор гирифтааст. Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён баррасии ҷузъи сиёсиро дар раванди таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии муосир пешбинӣ менамояд.

Мақсади таҳқиқот - муайян кардан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани самаранокии татбиқи онҳо.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- муайян кардани дараҷаи омӯзиши муаммои ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар илми педагогика;
- таҳияи амсила ва таъминоти барномавӣ ва дидактикии раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар заминаи фаъолияти таълимӣ;
- пешниҳод намудани технологияи татбиқи амсилаи ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар байни донишҷӯён;
- бо назардошти мақсади таҳқиқ мазмуни иҷтимоӣ нигаронидашудаи таълими умумии педагогии донишҷӯёнро интихоб намудан;
- муайян кардани воситаҳои ташхиси педагогии дараҷаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён;
- ба таври таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани самараи иҷрои шартҳои педагогии муайяншудаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён.

Объекти таҳқиқот - фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот - шароит ва равандҳои педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Фарзияи таҳқиқот: раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар сурати ба амал баровардани шартҳои педагогии зерин муваффақ мегардад, **агар:**

- хусусиятҳои асосӣ, мазмун ва сохтори мафҳуми «фарҳанги сиёсӣ» муайян карда шаванд;
- амсила ва барномаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён таҳия гардад;
- технологияи педагогии татбиқи амсилаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён пешниҳод гардад;
-меъёрҳои ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён муайян карда шаванд.

Марҳилаҳои асосии таҳқиқот. Таҳқиқот дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд гузаронида шуд, ки ҳар кадоми онҳо ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасро дар бар доштанд.

Марҳилаи аввал (2018–2019) марҳилаи ҷустуҷӯ ва омӯзиш буда, ба ҷамъоварӣ, омӯхтан ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба мавзӯи таҳқиқот нигаронида шудааст. Дар асоси тасниф ва ба низом даровардани маълумот ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ, фарзия ва самти таҳқиқот муайян карда шуданд. Асосҳои назариявӣ, методология ва воситаҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таълим омӯхта шуданд.

Марҳилаи дуюм (солҳои 2020–2022) – омӯзиши масъалаҳои таҳқиқотии назариявӣ, омӯзиши муфассали як қатор масъалаҳо, аз қабили гуногунии равишҳои илмӣ ва консепсияҳои таҳқиқотӣ барои муайян кардани мафҳуми «фарҳанги сиёсӣ», «таъминоти таълимӣ ва методӣ»; моҳият, хусусиятҳо ва шартҳои таъминоти таълимию методии донишҷӯёни коллеҷҳо дар шароити ташаккули фарҳанги сиёсӣ муайян карда шуданд. Омода ва нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот.

Марҳилаи сеюм (солҳои 2023 – 2025) – корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба санҷиши самаранокии методикаи таҳияшуда доир ба таъмини дастгирии педагогии донишҷӯён дар шароити ташаккули фарҳанги сиёсӣ гузаронида шуд; натиҷаҳои кори таҷрибавӣ кор карда баромада, таҳлил карда, хулосаҳо тартиб дода шуданд. Илова бар ин, тарҳи таҳририи маводи таҳқиқотии диссертатсия анҷом дода шуд.

Асоси назариявии таҳқиқот: мафҳумҳои фалсафии фарҳанг ва муколамаи фарҳангҳо (назарияи М.М. Бахтин, В. Библер, М. Коган ва дигарон); ақидаҳои назариявӣ дар бораи муносибати инсон, фарҳанг ва маориф (назарияи Н.В. Бордовская, Н.Б. Пигалев, А.Н. Утехина ва дигарон); ғояҳои муносибат ба шахсият нигаронидашуда дар таълим (назарияи А.С. Белкин, М.В. Кларин, В.В. Сериков, И.С. Якиманская, М.Г. Яновская ва дигарон); равиши умумии дидактикӣ ба интихоби мазмуни таълим (И.Я. Лернер, П.И. Пидкасистий, Д.В. Чернилевский ва дигарон); ғояҳои тарбияи шаҳрвандии А. Гаязов, В. Голованова, А.М. Бабаев, В. Олейникова ва дигарон; назарияи фаъолияти касбии педагогӣ ва ба он тайёр кардани муаллимони оянда (О.А. Абдуллина, В.И. Гинетсинский, Н.В. Кузмина, А.А. Реан, В.А. Сластенин, А.И. Шербаков ва дигарон).

Асоси методологии таҳқиқотро инҳо ташкил медиҳанд: равишҳои фарҳангӣ (Е.В. Бондаревская, В.А. Сластенин, А.Н. Утехина ва дигарон) ва шахсӣ-фаъолиятӣ (И.А. Зимняя, И.Б. Ворожтсова ва дигарон); принсипҳои ягонагии шуур ва фаъолият, интегратсия, омӯзиши таълимӣ ва ғайра. Муносибати системавӣ, ки принсипи ягонагии назария ва амалияро амалӣ намуда, зарурати ворид намудани маҳсулоти нармафзорро ба низоми ягонаи омодагии касбӣ дар муассисаи таълимӣ (И.В. Блауберг, Ф.Ф. Королев ва ғ.) пешниҳод мекунад. Муносибати фаъолият дар асоси истифодаи технологияҳои таълимӣ, ки имкон медиҳад, ки таълим ҳамчун раванди фаъолияти худи донишҷӯён равона карда шудааст, ки ба «кашф

кардани донишҳои нав», имкон медиҳад, ки донишҷӯён субъектҳои фаъолияти худ бошанд: гузоштани ҳадафҳо, ҳалли мушкилот ва масъулият барои натиҷаҳо (В.П. Беспалко, С.А.Бешенков, Г.А. Бордовский).

Сарчашмаҳои таҳқиқот: санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, инчунин таҷрибаи шахсии педагогӣ ва илмии муаллиф.

Заминаҳои эмпирикӣ: асоси озмоишии таҳқиқот аз мушоҳидаву муқоиса, санҷиш бо мақсади муайян намудани масъалаи маавриди таҳқиқ иҷро шуда, дар пойгоҳи таҷрибавӣ – озмоишии таҳқиқот амалӣ карда шуд.

Мувофиқи мақсад ва вазифаҳо усулҳои зерини таҳқиқот истифода шуданд:

равиши назариявӣ: таҳлили интиқодии адабиёти илмӣ-педагогӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангӣ, сиёсатшиносӣ; моделсозӣ; равиши системавӣ;

- равиши эмпирикӣ: мушоҳида, саволнома, пурсишнома, суҳбат, таҳлили мазмуни иншои донишҷӯён, таҷрибаи педагогӣ;

- равиши таҳлили омории натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ.

Пойгоҳи таҳқиқот: Коллеҷҳои тиббӣ, инноватсионӣ ва педагогии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд ва Коллеҷҳои тиббии шаҳри Хуҷанд.

Навгонии илмии таҳқиқот.

1. Воситаҳои дастгирии педагогӣ ва таъминоти барномавию дидактикии раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён муайян карда шуданд;

2. Сохтори се унсури фарҳанги сиёсӣ (нақшаи шахсӣ, нақшаи фаъолият ва нақшаи ҳамкории иҷтимоӣ) таҳия карда шуд, ки мувофиқи он барномаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён коркард шудааст;

3. Амсилаи раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён таҳия гардид, ки мағзи онро ҳамгироии блокҳои протсессуалӣ (азхудкунии воситаҳои муошират педагогӣ) ва блокҳои мазмунӣ (маълумоти саршори шаҳрвандӣ) дар заминаи фаъолияти таълимии донишҷӯён ташкил менамояд;

4. Зинаҳои ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷуён (боло, миёна, паст) муайян ва аз ҷиҳати моҳият пурра карда шуданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд, ки фарҳанги сиёсӣ низоми арзишӣ-меъёрӣ

мебошад, ки муносибати дохилии шахсро ба иштирок дар фаъолияти сиёсӣ ва огоҳии ӯ аз мушкилоти ин фаъолият муттаҳид месозад. Фарҳанги сиёсиро ҷузъи умумӣ ва сохтори он нисбат ба умум ҷудокунанда дониста, се сатҳро ҷудо мекунем: фарҳангӣ, фаъолият ва ҳамкории иҷтимоӣ.

2. Исбот карда шуд, ки амсилаи раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён се марҳилаи асосиро (ҳавасмандӣ-муносибат, пропедевтикӣ, ташаккулёбӣ) дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ҳамбастагии блокҳои равандӣ ва моддии фаъолияти таълимиро таъмин намуда, бо ҳамин васила барои васеътар истифода бурдани нерӯи тарбиявии он имкон медиҳад.

3. Ошкор карда шуд, ки маҷмуи шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён аз таъминоти барномавию дидактикӣ (барномаҳои курсҳои махсус, маводи лексионӣ ва ғ.) ва дастгирии педагогӣ ҳамчун шакли нави ҳамкории омӯзгор ва омӯзандагон, ки дар рафти онҳо мавқеи шахсии донишҷӯён ташаккул меёбад, таъсири педагогӣ расонида мешавад, ки натиҷаи он тағйирёбии муносибат, ният ва идеяҳои фаъолияти сиёсии онҳо дар бораи баланд бардоштани сатҳи иштироки сиёсии онҳо дар фаъолияти сиёсӣ мебошад.

4. Собит карда шуд, ки оид ба баланд бардошттани самаранокии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда тавсияҳои асосноки илмӣ таҳия карда шудааст, ки он дар асоси принсипҳо ва хусусиятҳои хоси ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён шарҳу эзоҳ дода шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.

1. Мафҳуми ва моҳияти «фарҳанги сиёсӣ» дар заминаи тамоюлҳои муосири муайяншудаи рушди тарбияи инсондӯстонаи навъи фарҳангӣ мушаххас гаштаанд;

2. Дастгоҳи меъёрии педагогӣ бо роҳи аниқ кардани мафҳуми «фарҳанги сиёсии донишҷӯён» дар шароити муосир васеъ гардонида шудааст;

3. Асосҳои илмӣ-назариявии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён – принсипҳо (муттаҳидии блокҳои равандӣ ва моҳиятӣ, ягонагии шуур ва фаъолият) ва равишҳо (байни фанҳо, фарҳанг, фаъолият ва ғайра) ошкор карда шудаанд.

4. Бо таснифоти навъҳои фарҳанги таҳиякардаи муаллиф ва асосноккунии модели ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар заминаи фаъолияти таълимӣ аз ҷиҳати назариявӣ ғанӣ гаштааст;

5. Шароити педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ асоснок гаштааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:

– дар амалияи таълим ҷорӣ намудани воситаҳои таҳияшудаи таъминоти

педагогии раванди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ва барномаю таъминоти дидактикии он;

– тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи барномаи таълимӣ-таҷрибавии пешниҳодшуда дар муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун истифода мешаванд;

– усулҳои пешниҳодшудаи ташхиси сатҳи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар амалияи таълим истифода мешаванд.

Маводи таҳқиқотӣ ҳам дар низоми тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон ва инчунин воситаи тарбияи шаҳрвандии донишҷӯён ва дигар гурӯҳҳои омӯзандагон ба таври васеъ истифода мешаванд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот тавассути омӯзиш ва таҳлили шумораи зиёди сарчашмаҳои илмӣ, таълимӣ, методӣ ва иттилоотӣ (қариб 200 номгӯй), ки бевосита ба мавзӯи таҳқиқот ва фаслҳои алоҳидаи он марбутанд, таъмин карда шуд; асоснокии методологии мавқеъҳои ибтидоӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқотӣ, ки ба мақсад ва мантиқи он мувофиқанд, сарчашмаҳои гуногуни иттилоот, иштироки шахсии муаллиф дар кори таҷрибавӣ таъмин гаштаанд.

Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба мазмуни нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.3.9 - Назария, методология ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ): аз ҷумла, банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ аст.

Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, муайян ва мушаххас намудани хусусиятҳо ва шароити таъмини таълимию методии донишҷӯёни коллеҷ дар заминаи ташаккули фарҳанги сиёсӣ, ташаккули фарҳанги педагогӣ, коркарди маълумоти таҷрибавӣ, тайёр ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва навиштани рисола зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Мазмуни асосии рисола, инчунин натиҷаҳои дар рафти омӯзиш бадастомада дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар

шаҳри Панҷакент, дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърӯза ва гузоришҳои илмӣ пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маърӯзаҳои конфронсҳои дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, ва Панҷакент баргузоршуда ироа шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи рисола. Муқаррароти асосии рисола дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Рисола аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (193 номгӯй) иборат аст. Матни асосии таҳқиқот дар ҳаҷми 173 саҳифа оварда шуда, аз 15 ҷадвал, 7 расм, 2 диаграмма иборат аст.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои ислоҳоти демократӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, коркарди илмии мавзуи таҳқиқотӣ баён гардидаву мубрамият, аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, объект, мавзуъ (предмет), фарзия, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот таъкид гардида, марҳалаҳои асосии корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, навгонии илмии натиҷаи таҳқиқот нишон додашуда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқотӣ илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **“Ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда ҳамчун муаммои муҳими педагогӣ”** номгузорӣ карда шудааст, моҳияти мафҳумҳои «фарҳанг», «фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда» дар тадқиқоти фалсафӣ ва равоншиносӣ-педагогӣ, вазифаҳои фарҳанг, фарҳанги бунёдии шахс, муаммоҳои тарбияи фарҳанги политехникии муаллимони оянда, фарҳанги башардӯстона, фарҳанги сиёсӣ, марҳилахои иҷтимоишавии сиёсӣ, Консепсияҳои педагогӣ доир ба шароити ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар асоси таҳлилу таҳқиқи адабиёти педагогию фалсафӣ ва дигар осорҳои илмию методии олимони ватаниву хориҷӣ, баррасии масоилҳои вобаста ба муаммои таҳқиқшаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, масъалаҳои вобаста ба ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда ҳамчун муаммои муҳими педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд,

Дар зербоби якуми боби якум **“Тавсифи мундариҷаи моҳияти мафҳумҳои «фарҳанг», «фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда» дар таҳқиқоти**

фалсафӣ ва равоншиносӣ-педагогӣ” муаллифи диссертатсия дар асоси асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ ва таҳқиқоту озмоиш ва афкори педагогӣ - фалсафии онҳо зикр намудааст, ки яке аз шартҳои муҳими некӯаҳволии ҷомеа сатҳи хуби шаҳрвандии бошуурона, дарки аҳамияти фарҳанги сиёсӣ барои тарбияи мардум ва фароҳам овардани сатҳи мутамаддини зиндагӣ дар давлат мебошад. Шахсе, ки ба аҳамияти равандҳои сиёсии ҷорӣ беэътиноӣ мекунад, метавонад ба як бозичаи сиёсӣ мубаддал гардад, объекти ғуломӣ ва фиреби ашхос ва гурӯҳҳои аз ҷиҳати сиёсӣ фаъолтар гардад. Бисёре аз ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, маъмулан, кӯшиш мекунанд, ки намояндагони муҳити донишҷӯёнро ба татбиқи барномаҳои худ ҷалб кунанд ва кӯшиш мекунанд, ки ҷавононро шарики худ гардонанд. Дар мувофиқа ба ақидаи диссертант, эҷодиёти умумии иҷтимоӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки шаҳрвандон на танҳо дар соҳаи маориф, балки дар соҳаи сиёсат ҳам маълумоти кофӣ дошта бошанд, яъне дорои фараҳанг алалхусус фарҳангӣ сиёсӣ бошанд [2-М].

Ҳамин тариқ, дар ин фасл мафҳуми “фарҳанг”, “фарҳанги сиёсӣ” пурра мавриди таҳқиқ қарор гирифта, моҳияту мундариҷаи ин мафҳумҳо аз нуктаи назари олимон таҳлил карда шудааст. Чунончӣ: «Фарҳанг» низоми таърихан инкишофёфтаи барномаҳои биологии ҳаёти инсон (фаъолият, рафтор ва муошират) мебошад, ки такрористеҳсолкунӣ ва тағйиротро дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо тамоми зуҳуроти асосии худ таъмин менамояд. Маънои аслии вожаи “фарҳанг” (аз лотинии “cultus”) коркард, парвариш кардан аст. Вожаи «фарҳанг» дар забони тоҷикӣ низ маънои марбут ба маданият ва тарбияи одобу ахлоқ мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар адабиёти назариявӣ таъкид шудааст, ки беш аз 500 таъриф ба фарҳанг овардашуда ягонтоаш ягона таърифи дурусту ягона эътироф нашудааст. Аммо бо дарназардошти зарурати равшан кардани маънои фарҳанг барои таҳқиқоти пешниҳодшуда, зарур ба назар мерасад, ки ба таърифҳои гуногуни фарҳанг, ки муаллифони гуногун пешниҳод кардаанд, таваҷҷуҳ кардан лозим аст. Муҳаққиқон таърифҳои мавҷудаи фарҳангро ба шаш гурӯҳ тақсим мекунанд. Фарҳанг чунин муайян карда мешавад:

1) маҷмӯи ҳамаи намудҳои фаъолият;
2) анъанаҳои ҷомеа;
3) маҷмӯи эътиқодҳо;
4) воситаи мутобиқшавӣ ба муҳити зист;
5) маҳсули фаъолияти инсон;
6) маҷмӯи шаклҳои рафтори бадастомада.

Муҳаққиқ В.С.Библер навиштааст: «Шакли тасмими озод ва аз нав ҳал кардани тақдир дар шуури масъулияти таърихӣ ва умумибашарии худ, фарҳанг имкон медиҳад, ки тамоми муайянкунии тавоноро аз берун инъикос кунад, ба таври бениҳоят бебаҳо қувват мебахшад, балки инчунин масъулияти шахсро барои рафтори худ, ба таври озодона шахсияти худ, рафтор ва тақдирашро муайян кунад. Танҳо фарҳанг маънои воқеӣ, зарурӣ, умумибашарӣ, масъулиятноки озодии ҳақиқии мавҷудияти инсонро ташкил медиҳад».

Вазифаҳои асосии таълими фарҳангсоз барои фароҳам овардани муҳити гуногуни фарҳангӣ мебошанд, ки дар он инсон рафтори ба фарҳанг мувофиқро ташаккул дода, таҷриба пайдо мекунад, ба ӯ дар худшиносии фарҳангӣ ва амалисозии майлу қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқон *вазифаҳои зерини фарҳангро* муайян кардаанд:

• дигаргунсозанда;

• пахши таҷрибаи иҷтимоӣ;

• танзимкунанда;

• маърифатӣ;

• арзишӣ;

• муоширатӣ.

Муҳимтарин вазифаи фарҳанг муттасилии таърихӣ, аз насл ба насл интиқоли (транслятсия)-и мероси иҷтимоӣ мебошад.

Дар доираи ин таҳқиқот муаллиф ба сатҳи сеюм, ки ба назар бисёрфункционалӣ менамояд, таваҷҷуҳ менамод, зеро он ба ӯ имкон додааст, ки предмети фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ на танҳо мазмуни худи маводи таълимӣ, балки воситаҳои муошрати педагогиро ҳамчун мазмуни таълим (масалан, асосҳои дидактика) истифода барад.

Ҳамзамон муаллиф таваҷҷуҳи худро ба “фарҳанги сиёсӣ” равона намуда, нишон додааст, ки дар илми муосир қариб чорсад таърифи мафҳуми фарҳанги сиёсӣ мавҷуд аст. Асосан, ҳамаи онҳо дар илми сиёсатшиносӣ таҳия шудаанд ва бо номи О.Т.Богомолова, Б.Комаровский, Ю.Пивоварова, А.П. Садохина, Е.Б.Шестопал ва дигарон марбут аст.

Фарҳанги сиёсӣ ҷузъи таркибии фарҳанги умумӣ мебошад, яъне низоми арзишӣ-меъёриро ифода мекунад. Маълум аст, ки худи мафҳуми «фарҳанги сиёсӣ»-ро ба муомилоти илмӣ И.Г. Гердер соли 1784 дар асари худ «Идеяҳои фалсафаи таърихи инсоният» ворид кардааст.

Ба гуфтаи Г. Алмонд, фарҳанги сиёсӣ «худ ба худ ба вуҷуд намеояд» - он натиҷаи ҳам таҷрибаи иштироки сиёсии шаҳрвандон ва ҳам ошноӣ бо меъёрҳо ва арзишҳои демократия мебошад. Вай соҳаи сиёсии ҳаётро ҳамчун низоме медонад, ки бо дигар низомҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, ба ин

васила асоснокии фарҳангӣ ва равонии рафтори сиёсиро таъмин менамояд [1-М].

Ҳангоми тавсифи фарҳанги сиёсӣ дар адабиёти илмӣ-назариявӣ чанд равиш муайян шудааст:

- равиши рафторӣ, ки дар он мавзӯи таҳлил ченкунии эмпирикии рафтор мегардад ва усулҳо мусоҳиба, пурсиш ва ғайра мебошанд;

- равиши субъективӣ, ки аз ёддоштҳо, таҳқиқоти таърихӣ ва таърихию иҷтимоӣ истифода бурда, ба таҷрибаи фарҳангӣ ҳамчун омили асосии ташаккули фарҳанг баҳо медиҳад;

- равиши тафсирӣ, ки моҳияти он тафсири намунаҳои воқеии фарҳангӣ ва идеалӣ мебошад.

Муҳаққиқони муосир таъкид мекунанд, ки агар «фарҳанг» низоми муносибатҳои байни инсон ва олам муқаррар гардида бошад, пас «сиёсат» соҳаи муносибатҳои мақсадноки байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳо оид ба истифодаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои иҷтимоии онҳо мебошад.

Бархе аз муҳаққиқони дигар робитаи байни мафҳумҳои «фарҳанги шаҳрвандӣ» ва «фарҳанги сиёсӣ»-ро баррасӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо «фарҳанги шаҳрвандӣ» як навъи фарҳанги сиёсӣ ва яке аз шаклҳои он буда, механизмҳои ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро дар бар мегирад; дар он шакли махсуси робитаи сиёсию коммуникатсионӣ пайдо мешавад, ки хусусиятхои ташкили иҷтимоию фарҳангии ҳокимияти сиёсӣ ва фаъолияти шаҳрвандии оммаро ба ҳам мепайвандад.

Ҳамин тариқ, марҳила ба марҳила раванди иҷтимоишавии сиёсӣ бояд ба болоравии фарҳанги сиёсӣ оварда расонад, ки нуқтаи баландтарини он худмуайянкунии сиёсӣ мебошад.

Дар адабиёти илмию педагогӣ марҳилаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ чунин тасвир шудаанд:

1. Дар марҳилаи аввали он, яъне марҳилаи сиёсисозӣ, кӯдакон таҳти таъсири баҳодиҳии волидайн, муносибат ва аксуламалҳои онҳо дар бораи ҷаҳони сиёсат тасаввуроти аввалини худро ташаккул медиҳанд.

2. Марҳилаи дуюм ин фардикунонӣ мебошад. Дар ин давра, дарки қудрат фардӣ карда мешавад. Масалан, образҳои президент ва сарвазир намунаи қудрат мешаванд.

3. Дар марҳилаи сеюм, марҳилаи идеализатсия ба шахсиятҳои муҳимтарини сиёсӣ сифатҳои муайян нисбат дода шуда, дар ин замина муносибатҳои устувори эмотсионалии системаи сиёсӣ ташаккул меёбанд.

4. Марҳилаи чорум институтсионалӣ буда, бо гузариш аз дарки шахсияти сиёсат ба дарки бештар абстрактӣ хос аст. Дар ин марҳила ақидаҳо дар бораи ниҳодҳои ҳокимият ташаккул меёбанд

Ҳамин тариқ, аҳамияти раднопазири масъалаи ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар байни муаллимони оянда, субъектҳои раванди педагогӣ, ки ҳадди ақалл барои паймоиш дар ҷараёни иттилооти дорои хусусияти сиёсӣ ва тасаввурот дар бораи ниҳодҳои ҳокимият даъват карда мешаванд. Дар ин мавриди сухан дар бораи “эътиқоди идеологӣ” -и ҷавонон намеравад, зеро ин ба мазмуни боби 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст.

Дар зербоби дуюми боби аввал таҳти унвони “**Консепсияҳои педагогӣ доир ба шароити ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ-омӯзишӣ**” масъалаҳои консепсияҳои педагогӣ доир ба шароити ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассисони оянда мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст. Дар ин бобат, муаллиф қайд мекунад, ки баррасии таҳқиқоти мавҷуда ба таври равшан нишон медиҳанд, ки сатҳи донишҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии аҳолӣ бевосита ба доираи истифодаи расму принсипҳои демократӣ алоқаманд мебошанд. Дараҷаи шавқу ҳаваси одамон ба сиёсат, то андозае иштирок дар он, бешубҳа, бо тасаввуроти одамон дар бораи он ки оё онҳо масъалаҳои сиёсиро мефаҳманд, алоқаманд аст.

Таҳқиқоти васеъмиқёси байнидавлатӣ инчунин нишон медиҳанд, ки одамоне, ки маълумоти миёнаи касбӣ доранд, бештар ба арзишҳое, ки ба демократикунонӣ мусоидат мекунанд, яъне ба арзиши худшиносӣ содиқанд. Аз тарафи дигар, натиҷаҳои чунин таҳқиқотро метавон ҳамчун далели он маънидод кард, ки маориф ба самти эмансипаторӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, чунин факт низ буда метавонад, ки одамоне, ки ба гирифтани маълумоти миёнаи касбӣ муяссар гардиданд, дар шароити беҳтарии зиндагӣ нисбат ба аксарияти аҳолӣ ба воя расидаанд.

Муҳимтарини онҳо, ба андешаи муаллиф, бевосита ба ҷузъи таълимӣ, махсусан бо ҷузъи башардӯстии он, инчунин бо таълиму тарбия дар ҳудуди коллеҷ алоқаманданд. Дар ин ҷо мо бояд ба масъалаи зерин диққат диҳем. Сарфи назар аз он, ки дар бисёр китобҳои педагогика мафҳумҳои «таълим» ва «тарбия» дар доираи истилоҳи «таълим» ҳамчун ду истилоҳи ҳампоя тафсир шудаанд, бояд қайд кард, ки таълиму тарбия фарқиятҳои ҷиддӣ доранд.

Тавре академик Маҳмадулло Лутфуллоев қайд кардааст, «Тарбия, ки гоҳо ба тарзи тарбият ҳам менависанд, маънои васеъ дорад. Дар фарҳангу луғатномаҳо мафҳуми тарбияро ба маъноҳои парвариш, таълим, омӯхтан, адаб омӯхтан, навозиш, меҳрубонӣ, нигаҳбонӣ, ҳимоя шарҳ додаанд... Тарбия мисли офтоб нуру ҳарорат дорад. Нурҳои тарбия ва ҳарорати он ба инсон ва фарзандони он таъсир мебахшад».

Имрӯзҳо рафти ислоҳоте, ки дар ҷумҳурӣ дар соҳаи маориф гузаронида мешавад, бо вуҷуди ҳама бартариҳои дигар, як қатор камбудиҳои ҷиддӣ дорад. Дар масъалаи тарбияи ҷавонон ва ташаккули сифатҳои хатмкунандагон пеш аз ҳама ба он нигаронида шудаанд, ки консепсияи иҷтимоии маълумоти миёнаи касбӣ ба консепсияи ғайрииҷтимоӣ табдил меёбад. Сифати тайёрии хатмкунандагон торафт бештар аз он муайян карда мешавад, ки онҳо худро дар бозор ҳамчун объект нишон диҳанд. Илова бар ин, коллеҷ мустақилияти худро аз даст медиҳад, зеро фаъолияти он на аз рӯи рисолати иҷтимоӣ, балки талабот дар бозори меҳнат муайян мекунад.

Ҷанбаи дигари муҳими баррасии ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон дар дохили коллеҷ ба хусусиятҳои шуури ҷавонон дахл дорад. Бояд ба назар гирифт, ки ба муваффақияти азхудкунии фарҳанги башардӯстона дар коллеҷ бештар таҷрибаи андӯхтаи ҷавонон дар доираи иҷтимоишавии ибтидоӣ, инчунин тамоюл ба коллеҷ ва маълумоти гирифташуда таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки имрӯз дарки таълим ҳамчун манбаи самарабахши стратегии ҷомеа, воситаи мутобиқшавӣ ва мобилии иҷтимоии шахс тадриҷан тағйир меёбад. Ҳамин тавр, яке аз муаммоҳои асосии ислоҳоти маориф ҳавасманд гардондани ҷавонон ба таҳсил мебошад.

Таҳлили адабиёти илмию педагогӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқон нақши хоси равиши башардӯстона ва принсипи башардӯстонаи таълимро дар дарки арзишҳои ҳаётӣ, ки барои ташаккули фарҳанги донишҷӯён, барои тамоюли онҳо ба ҷаҳони муосир заруранд, қайд намудаанд. Равиши башардӯстона имкон медиҳад, ки мазмуни таълимро ҳамчун раванди зинда, робитаи мутақобилаи илмҳо ва ҳамкории одамон инкишоф диҳем.

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки омузиш ва таҳлили адабиёти фалсафӣ, педагогию психологӣ имконият медиҳад, ки ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси ояндаро дар фаъолияти маърифатӣ мо ҳамчун раванди мураккаби шахсӣ ҳисоб намоем, ки унсурҳои асосии онро эҳсосоти ҳодисаҳою воқеияти сиёсӣ, дарки моҳияти фазои сиёсии муҳит, кушиши таҳлил ва баҳогузорӣ ба воқеияти сиёсии ба вуҷудомада ташкил менамояд ва кадоме, ки бояд дар онҳо рушди фарҳанги сиёсӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ ва ҳуқуқиро ба ҳам мутаносиб таъмин намуда, дар тарбияи ҳисси худшиносӣ, интизоми ботинӣ, эҳтиром ва боварӣ нисбат сиёсати давлату ҳукумати мамлакат мусоидат намояд.

Боби дуюми диссертатсия **“Заминаҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ”** ном гирифта, дар он масъалаҳои ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ, имкониятҳои дидактикии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм **“Тарҳрезии лоиҳавии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ”** нишон дода шудааст, ки равандҳои ҷараёндоштаи ҷаҳонишавии фазои фарҳангӣ ва таълимӣ, ки равандҳои интегративӣ як ҷузъи онҳо мебошанд, барои рушди таълими башардӯстона дар кишвари мо имконоти бузург доранд. Дурнамои таҷдиди он зарурати омода кардани мутахассисеро, ки қодир ба тарҳрезии фаъолияти худ дар вазъиятҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорад, омода аст, ки новобаста аз шароити мушаххас роҳҳои ҳалли мушкилоти ба миёномадаро пайдо кунад ва стратегияи махсуси тафаккур, рафтор ва фаъолиятро таҳия намояд.

Шарти асосии ба амал баровардани ин талабот, ки дастуруламали таълими олии педагогиро муайян мекунад, гузаштан ба парадигмаи нави таълим, ки омили асосии он фарҳанги сиёсӣ, тарбияи одами дорои маданияти сиёсӣ мебошад. Ба ин муносибат махсусан муҳим аст, ки таълими педагогӣ ба омӯзиши амалии илмҳои гуманитарӣ, як навъ антропологияи педагогӣ табдил ёбад. Арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанг, санъат, ахлоқ, сиёсат, тамоми дастовардҳои соҳаи маънавии ҳаёт бояд фазои ҷалби шахсияти инсонро ба вуҷуд оваранд, ба тамоми сохторҳои раванди педагогии интегралӣ ворид шаванд ва самти он ба рушди башардӯстӣ ва шахсии мутахассисони ояндаро таъмин намоянд [3-М].

Падидаи фарҳанги лоиҳавӣ на танҳо диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад, балки ба яке аз ҷузъҳои муҳими раванди таълими муосир табдил меёбад. Ба тарафдории зарурати аз худ кардани фарҳанги лоиҳавӣ бисёр далелҳо ҳастанд. Аввалан, тарҳнигорӣ як намуди омӯзиши мушкилот аст. Дуюм, он тарзи тафаккури иштирокчиёни лоиҳаро тағйир дода, онро ба талаботи асри XXI наздик мекунад. Сеюм, тарҳ симои нав, замонавӣ ва инноватсионии ҳар як муассисаи таълимиро муайян мекунад. Чорум, дар тарҳ идеяҳои педагогикаи шахсӣ-эҷодӣ амалӣ мегардад. Панҷум, тарҳ рақобатпазирии худи омӯзгорро дар бозори меҳнат тағйир медиҳад.

Гузашта аз ин, ба андешаи аксари муҳаққиқон, хусусияти хоси фарҳанги муосир хусусияти созанда, дигаргунсозандаи он мебошад [3-М]

Бо дарназардошти сохтор, хусусиятҳои раванди омӯхташаванда ва равиши интихобшуда кӯшиш карда мешавад, ки амсиласозии чунин модели сохторӣ ва функсионалӣ, ки имкон медиҳад, бо назардошти воқеияти муосир ташаккули фарҳанги лоиҳавии мутахассиси ояндаро амалӣ созад.

Ҳангоми муайян кардани нақши мусбати муносибати муназзамӣ дар амсиласозии равандҳои педагогӣ мо ба инҳо такя кардем:

- таҳлили муназзамӣ ба мо имкон медиҳад, ки воқеияти васеътари маърифатиро дар муқоиса бо усулҳои махсуси илмӣ муайян кунем;

- ҷустуҷӯи механизмҳои мушаххаси яклухтии объект ва муайян намудани типологияи ба таври кофӣ мукаммали робитаҳои он барои сохтани схемаҳои нави тавзеҳот, дониш ва таҳқиқ асос мебошад;

- мураккабии объекти омӯхташаванда дар таҳлили муназзамӣ (системавӣ) тавассути гуногунии робитаҳои “дохилӣ” ва “берунӣ”-и он инъикос меёбад, ки ба мо имкон медиҳад, ки якчанд қисмҳои гуногуни ҳамон як объектро ба системаҳои омӯхташаванда баррасӣ кунем (яъне мувофиқати хуби системаи омӯхташаванда танҳо бо роҳи сохтани маҷмӯи муайяни моделҳо таъмин карда мешавад, ки ҳар кадоми ин система танҳо як намуди моделҳоро тавсиф карда метавонад).

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва дар асоси равишҳои фаъолият, ба шахсият нигаронидашуда ва фарҳангӣ, дар доираи тадқиқоти мазкур амсилаи ташаккули фарҳанги сиёсии омӯзгорони оянда таҳия шудааст, ки дар асл модели таълими тарбиявӣ мебошад, ки мазмуни таълими умумии педагогӣ ва «шахрвандӣ» (ташаккули фарҳанги сиёсии)-и донишҷӯёнро муттаҳид месозад [3-М]

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки **“Имкониятҳои дидактикии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ”** масъалаҳои фаъолияти таълимӣ, ҷанбаҳои асосии ин фаъолият, натиҷаҳои таълими фанҳои педагогӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия дар асоси афкори педагогии олимони соҳа қайд мекунад, ки А.А.Григорева-Голубева дар монографияи худ «Арзишҳои башардӯстона дар таълим ва рушди шахсияти забонии омӯзгор» таъкид мекунад, ки «ҷаҳонбинии омӯзгор на танҳо натиҷаи эҳсосотӣ ба падидаҳои ҳаёт ва фаъолияти таълимӣ, балки дарки фаҳмиш, огоҳии амиқи онҳост, ки натиҷаи он ташаккули ҳаёти воқеии як соҳаи педагогиро дар бар мегирад». Аз ин рӯ, огоҳии арзишмандии омӯзгор худшиносиро низ дар бар мегирад, ки бе он такмили касбӣ ва шахсӣ ва рушди эҷодии ӯ имконнопазир аст

